# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи “Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Шеваҳои забони тоҷикӣ аз манбаъҳои муҳимми ташаккул ва рушду нумуи забони адабии тоҷикӣ маҳсуб ёфта, забони адабӣ ҷойҳои холии таркиби луғавии худро дар ҳама давру замон маҳз аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи лаҳҷаю гуфторҳои маҳаллӣ такмил медод, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам идома ёфта истодааст. Масъалаҳои ҷамъбасти илмии шеваҳои забони тоҷикӣ, пурраю ҳаматарафа тадқиқ кардани тамоми шеваҳои забони тоҷикӣ, муайян намудан, интишор ва муносибати онҳоро бо лаҳҷаву шеваҳои дигар тақозо мекунад. Аз ин ҷиҳат, омӯхтани лаҳҷаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ ва муносибати онҳо бо дигар шеваҳо дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ёрӣ хоҳад расонд. Аз ин рӯ, ҷамъоварии маводи марбут ба вожагони ифодагари ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб, ки онҳо аз мадди назари муҳаққиқони лаҳҷашинос дур мондаанд, аз ҷумлаи онҳо буда, таҳқиқи илмии он яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Маҳз ин қабати муҳимми луғавии таркиби луғати лаҳҷаи Варзоб, унвонҷӯро водор намудааст, ки вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ, инчунин, роҳҳои ташаккулу таҳаввули вожагони марбут ба соҳаи ҳайвоноти хонагӣ дар лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») ҳамчун рисолаи илмӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад. Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки гарчанде доир ба вожагони ифодагари ҳайвонот пажуҳишҳо ба анҷом расида бошад ҳам, аммо вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб то ба имрӯз ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

Диссертатсияи мавриди назар чун талабот аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариву методологӣ, сарчашмаву навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалӣ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Унвонҷӯ дар боби якум, ки “Таҳқиқи луғавии калимаҳои предметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ” номгузорӣ шудааст, доир ба масоили назарии луғатшиносӣ ва лаҳҷашиносӣ, вожагони марбут ба ҳайвоноти хурд ва калон,

вожагони марбут ба ҳайвоноти боркаш ва саворӣ, вожагони марбут ба узвҳои бадани ҳайвонот, вожагони марбут ба асбобу афзори ҳайвонот, вожагони марбут ба истифодаи ҳайвоноти хонагӣ, вожаҳое, ки ба коркарди маҳсулоти соҳа вобастаанд, вожаҳои ифодакунандаи касбу кори марбут ба ҳайвонот, вожагони ифодакунандаи ҷойи нигоҳдории ҳайвонот мулоҳизаронӣ намуда, маълумоти муфассал додааст.

Боби дуюми диссертатсия "Таҳқиқи луғавии вожагони ғайрипредметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ" унвон дошта, аз 6 фасл ва зерфаслҳо иборат аст.

Дар фасли якуми ин боб, ки "Матолиби муқаддамотӣ" номгузорӣ шудааст, дар хусуси вожагони ғайрипредметӣ ва дар ҳамин замина тақсимбандии он ба вожагони предметӣ ва ғайрипредметӣ мулоҳизаронӣ шудааст.

Фасли дуюм "Вожагони ифодагари хусусиятҳои зоҳирӣ ва хислату рафтор" ном дошта, ба таҳлилу баррасии гурӯҳҳои мавзуии вожаҳои марбут ба ранги ҳайвонот, вожаҳои ифодакунандаи ҳаҷму андоза ва хусусияти ягон узви ҳайвонот, калимаҳои ифодакунандаи дараҷаи харобию фарбеҳии ҳайвонот, вожаҳои марбут ба ифодаи хислату рафтор, одат ва хусусияти ҳайвонот, калимаҳои марбут ба ширдиҳӣ, бордорӣ ва наслдиҳии ҳайвонот бахшида шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм "Вожагони ифодакунандаи зоти ҳайвонот" ном дорад. Зоти ҳайвонот бештар вобаста ба макони пайдоишашон ном бурда мешавад. Калимаҳои мазкур вобаста ба навъи ҳайвонот, яъне ҳайвони хурд, калон, боркаш ва саворӣ ба қисматҳо ҷудо карда шудааст.

Фасли чорум "Вожагони ифодагари русум ва одоти марбут ба ҳайвонот" ном дошта, вожагони мавриди назари ин фасл ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар фасли панҷум ва шашум роҷеъ ба вожагони ифодакунандаи нидоҳои марбут ба ҳайвонот ва вожагони ифодакунандаи амал маълумот дода шуда, таснифу гурӯҳбандӣ шудаанд.

Дар боби сеюми рисола - "Таҳқиқи забонӣ, маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ" ба баррасии масоили назарии ташаккули забонӣ ва ҷанбаҳои маъноиву сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ, омӯзиш ва таҳқиқи вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ аз нигоҳи ташаккули забонӣ, яъне калимаҳои худию иқтибосӣ, ҷанбаҳои маъноию сохторӣ барои муайян кардани ҳодисаҳои луғавию грамматикӣ бахшида шудааст.

Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи муфассали диссертатсия ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)-ро нишон дода, барои таҳқиқи минбаъдаи ин қабати луғавии лаҳҷаи Варзоб тавсияҳо

диҳад. Диссертатсия ба муҳаққиқони минбаъдаи соҳаи лаҳҷашиносӣ кумаки калон расонида, ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафи диссертатсия қарор гирифтаанд, пурра муяссар гардидааст. Дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносӣ хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар баробари чунин муваффақиятҳо дар автореферати рисола баъзе камбудиҳо ҷой доранд.

1. Забони автореферат равону илмӣ бошад ҳам, баъзан ҷумлаҳои носуфта дар саҳифаҳои 7, 13 ва 18 ба назар мерасанд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (8, 11, 16).

3. Дар автореферат баъзан қоидаи имлои нави забони тоҷикӣ (2021) риоя нагардидааст (6, 14, 17).

Камбудию норасоиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, мазмуну муҳтавои илмии автореферат ва диссертатсияро коста намекунанд.

Ҳамин тавр, автореферати Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи "Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд ва таҳқиқоти мукаммали бaанҷомрасида ҳисобида шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.

Доктори илми филология, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои Н. Ш. Раҳмоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси АИДНПҶТ Ҳамидов Шоҳрух Бозорович

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Сомонаи расмӣ: www.apa.tj.
E-mail: nargisbonu66@mail.ru,
Тел.: 917-09-02-99.

«8» июни соли 2023